# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Элчибекова Баҳригул Идибековна дар мавзуи «Масъалаи инсон дар таълимоти Фахриддини Розӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа, аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 – Таърихи фалсафа**

Диссертатсияи Элчибекова Баҳригул Идибековна дар мавзуи «Масъалаи инсон дар таълимоти Фахриддини Розӣ» ба масъалаи инсоншиносӣ бахшида шуда, дорои аҳамияти назариявӣ, методологӣ ва навгонии илмӣ буда, ба ихтисоси 09.00.03 – Таърихи фалсафа мутобиқат мекунад.

Муҳимияти мавзуи мазкур дар он зоҳир мешавад, ки Элчибекова Б.И., яке аз аввалин пажуҳишгаронест, ки самти таҳқиқоти худро ба масъалаи инсоншиносии Фахриддини Розӣ бахшида аст, ки аз ҷониби муаққиқони ватанию хориҷӣ камтар мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифааст. Диссертант дар таҳлилу баррасии худ мавод ва масъалаҳои тавсияшударо бо салоҳияти хуби илмӣ ба риштаи таҳқиқ кашида, тавонистааст, ки адабиёти илмӣ-назариро аз назари интиқодӣ баррасӣ накарда, масоили мавриди тадкиқро бо далелу бурҳони илмӣ, исбот намояд.

Ҳамин нуқта қобили таъкид аст, ки муаллиф масъалаи мазкурро дар таълимотҳои динӣ-фалсафии асримёнагӣ, ба хусус аҳли калом, тасаввуф, ирфон, машшоия, карромия, муътазила, ашъария, мотуридия ва дигар равияҳо ба таври муқоисавӣ мавриди баррасӣ, қарор додааст. Элчибекова Б.И. дар раванди таҳқиқи мавзуи мазкур кӯшиш намудааст, ки дар такя ба сарчашмаҳои таърихӣ ва асарҳои худи Фахриддини Розӣ ба омӯзиши мавзуи илмии худ машғул гардад. Масъалаи инсон, нақш ва мақоми ӯ дар омӯзиши илми инсоншиносӣ (антропология) дорои ҷойгоҳи махсус мебошад. Ҳамин ҷойгоҳи махсуси инсон дар олам аст, ки мавриди омӯзиши мутафаккирони давраҳои гуногун, қарор гирифтааст.

Дар рисолаи диссертатсионии Элчибекова Б.И. масъалаи инсон аз аҳди қадим дар доираи таълимоти фалсафии Юнони қадим – Парменид, Афлотун, Арасту ва файласуфони асрҳои миёнаи тоҷик - Абубакри Розӣ, Абунасри Форобӣ ва Ибни Сино ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст. Муаллиф, дар он масоили моҳият, табиат ва хусусяти инсон аз мавқеи фалсафӣ таҳлил намуда, дидгоҳи ҳар яке онҳоро дар муқоиса бо афкори Фахриддини Розӣ нишон додааст, ки ҷиҳати хуби кор ба ҳисоб меравад. Махсусан, таҳқиқот таҳлилу баррасии мавзуро дар доираи асарҳои худи мутафаккир монанди “Шарҳу-л-ишорот ва-т-танбеҳот», «Ал-муслимин би-т-тафсири кабир», «Ҳифзу-л-бадан», «Ҷомеъу-л-улум», «Манoқибу-л-Имом Шофеия» ва ғайра фаро гирифтааст.

Таҳлилу баррасӣ ва омӯзиши мавзуи мазкур барои муҳаққиқон дар шароити имрӯза аз аҳамияти назарию амалӣ холӣ набуда, бо хусусиятҳои методологӣ, консептуалӣ ва назариявии худ дар кишвар бори аввал сурат

гирифтааст ва он барои муҳаққиқону ҳаводорони соҳаҳои фалсафа, антропология, психология ва аксиология ҳамчун маводи ёрирасони таҳқиқшуда метавонад, хизмат намояд.

Фахриддини Розӣ дар таълимоти инсоншиносии худ ба масоили руҳу тан, таносуби нафсу ҷисм, ҳифзи бадан, табиат ва моҳияти инсон, озодии ирода, ҷабру ихтиёр, ҳусну қубҳ, камол ва нуқс, ақл ва ҷаҳл, пайдоишу таъйиноти инсон, ақлу ирода, тафовутҳои нафсонӣ, мизоҷӣ (гармӣ, сардӣ, тарӣ ва хушкӣ), табъи инсон, руҳи малакутию осмонӣ, нафси муҷаррад, аҷзои зоҳирию ботинӣ, ваҳдати нафс, адами ҷисмонияти нафс, аҷзои аслӣ (боқӣ ва ғайри қобили тағйир) ва аҷзои фардии нафс (қобили тағйир), ахлоқи инсон, кайфиёти ҷисмонӣ ва нафсонӣ, озодӣ (мухторият ва ғайримухторият, ихтиёрӣ ва ғайриихтиёрӣ), ҷабр ва ихтиёр, нерӯи ирода, худшиносӣ, худташаккулдиҳӣ таваҷҷуҳи махсус додааст, ки хеле муфассал ва ҳамаҷониба таҳлилу баррасӣ шудааст.

Муаллифи рисола ҳамчунин ба масоили зиёди инсоншиносӣ: саодати инсон, камол ва нуқси нафс, лаззати нафс, лаззати ҷисмонӣ, руҳию ҳиссӣ, лаззату ранҷ, камолоти ҷисмонию руҳонӣ, зиддияти байни лаззоти ҳиссӣ ва саодати инсонӣ, қувваҳои нафс: олима ва оқила, идрокоти ҷузъӣ, ақл ва ҳавои нафс, дарку шинохт, маърифати Худо ва олам, камоли инсон, маротиби қувваҳои идрок - қувваи ҳассос, қувваи хаёл, қувваи ақлия, қувваи фикрия, қувваи қудсия ва қувваҳои оқила-ақли ҳаюлонӣ, ақли билмалакутӣ, ақли билфеъл (улуми ладунӣ), ақли мустафод, олами мумкин-олами амр ва олами халқ (ё ҷисмониёт), ахлоқ (ҳамчун зинаи камолот), роҳҳои ба саодат расидан, ҷойнишини Худо будан дар замин, камолоти инсон-комил, ноқис ва холӣ аз он ду сифат, мартабаҳои сегонаи-шариат, тариқат ва ҳақиқат, олами шаҳодат ва олами ғайб, анвои саодат- саодати нафсонӣ, саодати бадан (тансиҳатӣ), саодати хориҷӣ (тарбияи фарзандони солеҳ, хулқи нек, кори нек ва ғ.), истеъдодҳои нафс, иртиботи инсон бо Худо, бо хеш ва ҷомеаву табиат нишон дода, аксари онҳоро аз дидгоҳи худ таҳлил ва баррасӣ намуда, андешаҳои мутафаккирро ҳар чӣ бештар мавриди таҳлил қарор диҳад.

Метавон тасдиқ кард, ки аксари масоили ба инсоншиносӣ алоқаманди таълимоти Фахридини Розӣ дар рисолаи диссертатсионии Элчибекова Б.И. ҳаллу фасли худро пайдо намудаанд. Муаллифи рисолаи мазкур дар ин самт дорои ҷойгоҳи хосаи худ мебошад, зеро ягон муҳаққиқи хориҷӣ ва ватанӣ ба ин масъала то ин андоза наздик нашудааст.

Муҳимтарин хусусияти рисолаи диссертатсионии Элчибекова Б.И. аз он иборат аст, ки дар боби дуюм ба он таваҷҷуҳи зиёд дода шудааст, таҳлили муқоисавии ҷаҳонбинии мутафаккирро доир ба инсоншиносӣ, масъалаи ҳастии инсон, ҷустуҷӯи роҳҳои камолоти маънавӣ-ахлоқӣ ва ҳамчун субъекти фаъолу эҷодкори кайҳон бо истифодаи методологияи хоси фалсафӣ ҳаллу фасл гардидааст. Таваҷҷуҳи махсуси муаллифи рисолаи диссертатсионӣ ба масъалаи табиат ва моҳияти инсон, таносуби

нафсу тан, камолоти ахлоқӣ-маънавии инсон, роҳҳои расидан ба саодат ва инсони комили он дар диссертатсия ба хубӣ эҳсос мегардад.

Аз ин рӯ, рисолаи диссертатсионии унвонҷӯ Элчибекова Б.И. фарогири як қатор навгониҳои назарраси илмӣ ва илмӣ-таҳқиқотӣ буда, таҳқиқоти анҷомдода ва натиҷиву хулосаҳои он дорои аҳамияти зиёди илмию амалӣ мебошад.

Муаллиф, дар таҳияи рисолаи диссертатсионӣ аз маводи зиёди илмӣ ва махсусан сарчашмаҳои муътамад хуб истифода намуда, худро ҳамчун мутахассиси хуби соҳаи фалсафа ва таҳлили матнҳои фалсафӣ нишон додааст.

Ҳамин тариқ, рисолаи диссертатсионии Элчибекова Б.И., ки дар мавзуи “Масъалаи инсон дар таълимоти Фахриддини Розӣ” кори мустақилонаи илмӣ ва ба анҷомрасидаест, ки ба талаботҳои илмӣ ва Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Низомномаи Шурои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз 30 июни соли 2021, №267 зикр гардидааст, ҷавобгӯй буда, муҳтавои он ба ихтисоси 09.00.03 – Таърихи фалсафа мувофиқат менамояд.

**Роҳбари илмӣ:**
доктори илмҳои фалсафа, профессори
кафедраи диншиносии факултети фалсафаи
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Зиёев И.Ғ.

**Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Тел: (+992) 935910004

Имзои д.и.ф., профессор И.Ғ. Зиёевро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Тавқиев Э.Ш.

18.04.2024с.

**Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Тел: (+992-37) 221-62-25
E-mail: info@tnu.tj
Сомона: https://tnu.tj